«Тасдиқ мекунам»
Вазири маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________ А. Раҳмонов
«_____»_____________с.2009

**Низомномаи тавсиявии ҳавасмандагардонии профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Душанбе – 2009

Муқаррароти умумӣ

Низомномаи мазкур дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 264 аз 1 августи соли 2005 оид ба тасдиқи «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалигардонии банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 292 аз 2 июли соли 2008», «Дар бораи чорабиниҳо оид ба амалигардонии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2008, таҳти № 480», «Оид ба чорабиниҳо ҷиҳати ҳифзи иҷтимоӣ, зиёд кардани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаҳои буҷавӣ, андозаи пенсия ва идрорпулиҳо», Низомномаи тавсиявии ҳавасмангардонии профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактуби Вазорати маорфи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.11.2008 таҳти № 08/4-296) таҳия гардидааст.

Низомномаи мазкур низом ва системаи ҳавасмандагардонии профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медарорад. Сарчашмаҳои пардохти ҳавасмандагардонӣ ба музди меҳнати профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд: буҷаи давлат, даромад аз ҳисоби таҳсили шартномавӣ, аз ҳисоби хӯроки умумӣ (общипить) маблағҳое, ки аз ҳисоби дорухона, сартарошхона ва дигар сарчашмаҳое, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошанд.

Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, Оинномаи таълимгоҳ ва низомномаи мазкур дар доираи заҳираҳои тасдиқшудаи музди меҳнати дар буҷа пешбинишуда ва дигар сарчашмаву даромадҳо, навъ ва системаи музди меҳнатро мустақилона ҳал намуда, ҳаҷм, андоза ва намудҳои музди иловагӣ, мукофотпулӣ ва дигар хелҳои ҳавасмандкунии моддӣ ва андозаи музди меҳнати тамоми кормандонро бо дар назардошти меъёрҳои тарифии музди меҳнати кормандон муқаррар месозад.

Музди меҳнати кормандони донишгоҳ аз музди меҳнати ҳадди аққал дар ҷумҳурӣ муайянгардида кам буда наметавонад. Маоши кормандони ҷузъҳои сохторӣ тибқи тартиби қабулшудаи марбут ба ин ё он ҷузъи сохторӣ пардохт карда мешавад.

Вақти таҳия ва муқаррар намудани пардохти ҳавасмандагардонӣ ба музди меҳнати профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи қатъии ин принсипҳо тавсия карда мешаванд:

**I. ба инобат гирифтани собиқаи корӣ:**

А). Барои номзади илм, дотсент аз 10 то 15 сол 5%;

Б). Барои номзади илм, дотсент аз 15 то 20 сол 10%;
В). Барои номзади илм, дотсент аз 20 то 25 сол 15%;
Г). Барои номзади илм, дотсент аз 25 то 35 сол 20%;

А). Барои доктори илм, профессор аз 10 то 15 сол 5%;
Б). Барои доктори илм, профессор аз 15 то 20 сол 10%;
В). Барои доктори илм, профессор аз 20 то 25 сол 15%;
Г). Барои доктори илм, профессор аз 25 то 35 сол 20%;

**II. ба инобат гирифтани корҳои илмӣ - тадқиқотӣ:**

А). Барои номзади илм, дотсент то 20 кор 5%;
Б). Барои номзади илм, дотсент то 40 кор 10%;
В). Барои номзади илм, дотсент то 60 кор 15%;
Г). Барои номзади илм, дотсент то 80 кор 20%;

А). Барои доктори илм, профессор то 20 кор 5%;
Б). Барои доктори илм, профессор то 40 кор 10%;
В). Барои доктори илм, профессор то 60 кор 15%;
Г). Барои доктори илм, профессор то 80 кор 20%;

**III. ба инобат гирифтани корҳои таълимию методӣ:**

А). Барои номзади илм, дотсент то 3 кор 5%;
Б). Барои номзади илм, дотсент то 6 кор 10%;
В). Барои номзади илм, дотсент то 10 кор 15%;
Г). Барои номзади илм, дотсент то 15 кор 20%;

А). Барои доктори илм, профессор то 3 кор 5%;
Б). Барои доктори илм, профессор то 6 кор 10%;
В). Барои доктори илм, профессор то 10 кор 15%;
Г). Барои доктори илм, профессор то 15 кор 20%;

**IV. ба инобат гирифтани ихтироот:**

А). Барои номзади илм, дотсент то 3 патент 5%;
Б). Барои номзади илм, дотсент то 5 патент 10%;
В). Барои номзади илм, дотсент то 10 патент 15%;
Г). Барои номзади илм, дотсент то 20 патент 20%;

А). Барои доктори илм, профессор то 3 патент 5%;
Б). Барои доктори илм, профессор то 5 патент 10%;
В). Барои доктори илм, профессор то 10 патент 15%;
Г). Барои доктори илм, профессор то 20 патент 20%;

**V. ба инобат гирифтани тайёр намудани кадрҳои дорои унвони**

**илмидор :**

А). Барои номзади илм, дотсент то 3 нафар 10%;
Б). Барои номзади илм, дотсент то 5 нафар 20%;
В). Барои номзади илм, дотсент то 10 нафар 25%;
А). Барои доктори илм, профессор то 3 нафар 10%;
Б). Барои доктори илм, профессор то 5 нафар 20%;
В). Барои доктори илм, профессор то 10 нафар 25%;
Г). Барои доктори илм, профессор аз 10 нафар зиёд 30%;

**VI. Баҳодиҳӣ ба сифати кор :**

А). Барои номзади илм, дотсент баҳои 5 20%;
Б). Барои номзади илм, дотсент баҳои 4 10%;
В). Барои номзади илм, дотсент баҳои 3 5%;
А). Барои доктори илм, профессор баҳои 5 20%;
Б). Барои доктори илм, профессор баҳои 4 10%;
В). Барои доктори илм, профессор баҳои 3 5%;

таъмин намудани вобастагии андозаи музди меҳнат аз тахассуси кормандон, категорияи онҳо, мураккабии коре, ки иҷро мекунанд, сифат ва андозаи меҳнати сарфшуда;

- ба системадарории пардохти музди кори иҷрошуда дар шароити муқаррарӣ ва ғайримуқаррарӣ, таъминоти муносибати якхела нисбати истифодаи он дар муассисаҳои буҷетӣ;

- муносибати якхела ҷиҳати муайн намудани собиқаи корӣ;

- истифодаи намудҳои гуногуни ҳавасмандкуни моддӣ, хусусан ҳавасмандкуниҳои иловагӣ ба маош;

- риоя намудани тартиботи якхела нисбати аттестатсия ва аз ҷиҳати касбӣ ба категория тақсия намудани кормандон, ки ҷавобгӯи меъёрҳои мувофиқ ба ин гурӯҳҳои касбию тахассусӣ бошад;

- тарифбандии (тарификатсияи) кор бо кормандон бо дар назардошти накшаҳои муқарраргардида;

2. Ҷадвали воҳиди корӣ ва пардохти музди ҳавасмандагардонӣ ба музди меҳнати профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

2.1. Тартиби таҳияи ҷадвали воҳиди корӣ ва пардохти музди ҳавасмандагардонӣ ба музди меҳнати профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷадвали воҳидҳои кории профессорону омӯзгорони сохторҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ: факултаҳо, кафедраҳо, лабораторияҳо тибқи сохтори тасдиқшудаи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба ҳаҷми соатҳои таълимӣ бо дар назардошти меъёри вақти барои ҳайати профессорону омӯзгорон муқарраршуда таҳия гардида, ҳамасола то 1 сентябр аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқ гардида,

вобаста ба заруият дар давоми соли хониш баъзе тағйироту иловаҳо ба он ворид карда мешавад.

Ворид намудани тағийроту иловаҳо ба ҷадвали воҳиди корӣ ва пардохти музди ҳавасмандагардонӣ ба музди меҳнати профессорону муаллимон ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли таҳсили танҳо бо фармони ректор тибқи дархостҳои хизматии мудирони кафедраҳо, деканҳо ва розигии муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ ба амал баровaрда мешавад.

Пардохти ҳатмӣ инҳоянд:

- пардохти илова барои номзади илм ва доктори илм ба андозаи 30%-и моҳонаи вазифавӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 1999 таҳти № 250);
- пардохти маблаѓи илова барои ишғоли вазифаи дотсент ё профессори кафедра;
- пардохт барои ишғоли вазифаи мудири кафедра мутобиқ ба ишғоли вазифаи додашуда (муаллими калон, дотсент, профессор);
- барои ишғоли ваифаи декани факултет вобаста ба вазифаи доимияш;
- барои ишғоли вазифаи муовини декан вобаста ба вазифаи доимияш;
- пардохти маблағи илова барои иҷрои ҳаҷми кори зиёдатӣ, ки тибқи асноди амалкунандаи меъёрӣ дар баробари вазифаҳои асосии хизмат иҷро карда мешаванд;
- пардохти маблағҳои илова ба сифати музди соатбайъ ё ба шакли музди меҳнати изофа;
- пардохт ҳангоми иҷрои вазифаи ёрирасони таълимӣ ва дигар корҳое, ки дар як вақт бо вазифаҳои асосӣ иҷро карда мешаванд.

Маблағҳое, ки бо мақсади ҳавасмандкунӣ пардохт карда мешаванд:

- мукофотпулӣ вобаста ба натиҷаи кор;
- пардохт вобаста ба натиҷаи мусбати фаъолияти кормандон;
- пардохт вобаста ба самаранокии иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ;
- пардохти яквақтаи мақсаднок ба ҳайати профессорию омӯзгорӣ аз дигар сарчашмаҳо;
- пардохт дар асоси қарори Шӯрои олимони донишгоҳ сурат мегирад.

Ба кормандон ба ғайр аз музди кори вазифавӣ инчунин пардохти чунин маблағҳо муайян карда мешаванд:

- музди кори илова барои шароитҳои хатарнок ва хусусан хатарноки корӣ;
- музди кори иловагӣ барои рӯзи кори берун аз меъёр;
- музди кори иловагӣ барои кори шабона;
- музди кор барои иҷрои ҳаҷми кори иловагӣ;
- барои иҷрои кори яквақта бо кори асосӣ (совмещение);

- барои кор дар рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои ид.

Ҳамаи ин намудҳои пардохти иловагӣ тибқи фармони ректор амалӣ карда мешаванд.

2.3. Додани музди меҳнат дар асоси шартномаҳои дорои характери шаҳрвандию ҳуқуқӣ.

Донишгоҳ метавонад ҳангоми бастани шартномаҳои дорои характери шаҳрвандию ҳуқуқӣ музди меҳнат муқаррар намояд.

Бо ин мақсад аз шаклҳои шартномаи пудратӣ ё шартномаи хизматрасониҳои ҳархела истифода карда мешавад. Дар ин вақт аз намунаҳои шартномаи аз ҷониби ректори донишгоҳ тасдиқгардида истифода кардан мумкин аст.

Ин навъи шартномаҳоро ба ҳамаи кормандони донишгоҳ ва шахсони аз берун ҷалбшаванда бастан мумкин аст.

3. Тартиби муайян кардани андоз ва муқаррар кардани музди иловагӣ ба кормандони донишгоҳ.

Пардохти ҳатмӣ бо андозае дода мешавад, ки дар санадҳои умумӣ ва дохилидонишгоҳӣ амалкунанда пешбинӣ шудаст (додани музди иловагӣ дар рӯзҳои ид, кори иловагӣ, барои кори шабона ва ғайраҳо).

Ҳангоми муайян кардани андозаи музди кори иловагӣ (барои кори яквақта дар ду ҷои кор (совмещение), васеъ гардидани ҳаҷми кор ва дигарҳо), барои ин ё он корманди алоҳида аз ҷониби сарвари сохторҳо ё муовини ректор бо тартиби зер масъалагузорӣ карда мешавад:

- Аз ҷониби роҳбари сохтор ё муовини ректор ба номи Ректори донишгоҳ дархости хизматӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар он оид ба муайян кардани андозаи музди кори иловагӣ ба ин ё он корманд асоснок карда мешавад ва оид ба додани ин маблағ ба корманди мазкур таклиф пешниҳод карда мешавад.

- Шӯъбаи кардҳо доир ба ин масъала фармон таҳия менамояд ва ба тасвиб мерасонад.

- Ҳуҷҷатҳо доир ба ин масъала аз ҷониби масъулини ҳифзи меҳнати сохторҳои додашуда ба низом даровардa мешаванд.